# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-002-и назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ оид ба кори диссертатсионии докторанти PhD Гулрӯи Сухроби Ҷурахонзода дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯй ихтисоси 6D010301 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.

Парвандаи аттестатсионии №________________

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 24 декабри соли 2022, №5.3 "Оид ба сазовор донистани дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD (аз рӯй ихтисоси педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот) ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулрӯи Суҳроби Ҷурахонзода"

Диссертатсияи докторанти PhD дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯй ихтисоси 6D010301 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот бо қарори Шурои диссертатсионии 6D.KOA-002-и назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 30-сентябри соли 2022, №5,1 ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Докторанти PhD Гулрӯи С.Ҷ. 29.02.1992 таваллуд шуда, соли 2013 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро аз рӯи ихтисоси педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ хатм намудааст (диплом №ДБА №0001122).

Докторанти PhD бо фармоиши №655 аз 18.10.2013 ба зинаи магистрантураи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз рӯи ихтисоси педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ дохил гардида, онро бо фармоиши №891 аз 10.07.2015 хатм кардааст. (диплом №ДМА №0000521).

Бо фармоиши №127 аз 19.09.2015 ба зинаи докторантура PhD ҳуҷҷатҳои худро супорида, онро бо фармоиши №110, 29.05.2018 хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатиашро солҳои 2013-2014 дар Гимназияи давлатии №1-и ноҳияи Восеъ оғоз намуда, Соли 2015 ассистенти кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ интихоб гардид.

Солҳои 2019-2020 дар шуъбаи умумии донишгоҳи мазкур ҳамчун мутахасис фаъолият намуда, аз соли 2020 то инҷониб дар кафедраи умумидонишгоҳии донишгоҳи мазкур ба ҳайси саромӯзгор кор ва фаъолият намуда истодааст.

Мавзуи рисолаи илмии худро аз 23.02-2016, №7 дар Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ тасдиқ намуда, онро зери роҳбарии н.и.п, дотсент, шодравон Расулов Давлатмурод ба анҷом расонидааст. Гулрӯи Суҳроби Ҷурахонзода дар раванди фаъолияти илмӣ мавзуи илмӣ-таҳқиқотии худро иваз намуда, онро санаи 29.05.2028, №10 дар Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз нав тасдиқ кардааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар 14 интишороти муаллиф инъикос ёфтааст. Аз ин миқдор 8 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия ба табъ расидаанд.

Гулрӯи С.Ҷ. муҳокимаи даври аввали корҳои илмӣ - таҳқиқотиро 25.02.2022, №7 дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ гузаронида, ҳамчунин 13.09.2022 дар ҷаласаи №1-и семинари илмӣ-методии раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ муҳокимаи даври дуюмро гузаштааст.

Зинаи докторантураи PhD-ро баҳои хубу аъло хатм кардааст.

Шурои диссертатсионӣ дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ аз 15.10.2022, суратҷаласаи №5.2 қабул карда, диссератсия барои ҳимоя иҷозат дода шудааст.

Эълон оид ба ҳимояи рисола ва автореферат дар сомонаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар бахши «Шурои диссертатсионӣ» дар зерсаҳифаи эълонҳо аз 23-уми октябри соли 2022 ва дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми октябри соли 2022 ҷойгир карда шудаанд.

Автореферати диссертатсия тибқи муқарраррот аз 18.11.2022 ирсол гардидааст.

Афтореферати диссертатсия аз низоми Антиплагиат гузаронида шуда аслияти он 98,76%-ро ташкил медиҳад.

Тақризҳо ба диссератсия ва автореферат дар муҳлати муайяншуда ворид шуда, дар сомонаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҷой дода шудаанд.

Ҳуҷҷатҳо аз тарафи докторанти PhD ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳод шуда, тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шуда, дар парвандаи аттестатсионии муаллиф маҳфузанд.

1. **Роҳбари илмӣ:** шодравон Расулов Давлатмурод – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, дотсенти кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

2. **Муқарризони расмӣ:** Латифзода Диловар Назришоҳ – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитарии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхуҷа Сатторов;

**3.** Аҳмадзода Зулфия Кабир – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, нойиби ректор оид ба идеология, тарбия ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳои мусбат додаанд.

**4. Муассисаи пешбар:** Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон тақриз ба диссертатсияи Гулрӯи Суҳроби Ҷурахонзода зери таҳлили мудири шуъбаи педагогика ва психология н.и.п, Раҷабов С. ва ташхисгар н.и.п, Лутфуллоева П.М. аз 21-ноябри соли 2022, суратҷаласаи №10 бо имзои директори муассиса, номзади илмҳои физика ва метематика, дотсент Наҷмиддиниён А.М. тасдиқ шудааст.

Мазмуни тақриз мусбат буда, дар он мубрамияти мавзуъ, моҳияти илмӣ- назариявӣ ва саҳми шахсии муаллиф зикр гардидаст.

Аз тақризи муассисаи пешбар бармеояд, ки дар рисола баробари муввафақиятҳои ба дастомада, баъзе нуқсонҳо низ ба назар мерасад, ки ислоҳи минбаъдаи онҳо боиси боз ҳам балад бадоштани сатҳу сифати пажӯҳиши оянда хоҳад буд:

1. Агар боби якум ва дуюм ба 3 зербоб тақсим мегардид, хубтар мебуд.

2. Хуб мешуд, ки дар диссертатсия нисбат ба муҳақиқони хориҷӣ аз муҳаққиқони ватанӣ бештар истифода менамуд.

3. Дар рисола баъзе саҳву иштибоҳоти услубӣ, имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасад.

Камбудиҳои зикргардида ба қимати баланди таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсир намерасонанд.

Муассисаи пешбар дар тақризи худ таъкид намуда аст, ки диссертатсия кори таҳқиқотии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, аз рӯи ихтисос педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пурра мувофиқ мебошад ва муаллифи он Гулрӯи С.Ҷ. барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010301 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Докторанти PhD оид ба мавзуи диссертатсия мақолаҳои зеринро дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия ба табъ расонидааст.

[1–М]. *Гулрӯи С.Ҷ.* Худшиносӣ мафҳуми марказии ташаккули шахсият[Матн] / **С.Ҷ. Гулрӯ** // (ISSN 2074 – 1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. №8–Душанбе 2018.–С. 311–315.

[2–М]. *Гулрӯи С.Ҷ.* Шароитҳои педагогӣ ва хусусиятҳои марҳилаи дуюми ташаккулёбии худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик [Матн] **/ С.Ҷ. Гулрӯ** // (ISSN 2074 – 1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. №5–Душанбе 2018. – С. 245 – 251.

[3–М] *Гулрӯи С.Ҷ.* Нақши худтарбиякунӣ дар ташаккулёбии худшиносии миллӣ [Матн] / **С.Ҷ. Гулрӯ** //(ISSN 2074–1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. №2.–Душанбе 2019. – С. 254 – 258.

[4–М] *Гулрӯи С.Ҷ.* Ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар раванди омӯзиши давлати Сомониён [Матн] **/ С.Ҷ. Гулрӯ** //(ISSN 2074 – 1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. №3–Душанбе 2019. – С. 234 – 240.

[5–М] *Гулрӯи С.Ҷ.* Моҳият ва сохти худшиносии миллӣ дар ниҳоди насли наврасу ҷавонон [Матн] / **С.Ҷ. Гулрӯ** //(ISSN 2663 – 5534) Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар. №1.(59).–Бохтар 2019. – С 67 – 73.

[6–М] *Гулрӯи С.Ҷ.* Ваҳдати миллӣ омили муҳими ташаккули худшиносии миллии ҷавонон [Матн] / **С.Ҷ. Гулрӯ** //(ISSN 2074 – 1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. №5–Душанбе 2019.- С. 241 – 247.

[7–М] *Гулрӯи С.Ҷ.* Корҳои беруназдарсӣ омили муҳими ташаккулёбии худшиносии миллии хонандагон дар раванди омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик [Матн] / **С.Ҷ. Гулрӯ** //(ISSN 2616 – 5260) Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб. №1.(25)–Кӯлоб 2021.-С. 72 – 79.

[8–М] *Гулрӯи С.Ҷ.* Моҳият ва нақши пайдоиши парчами миллӣ дар ташаккул додани ҳисси худшиносии насли наврасу ҷавонон [Матн] / **С.Ҷ. Гулрӯ** //(ISSN 2616 – 5260) Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб. №1(26) – Кӯлоб 2022. С. 157 – 164.

Ба автореферати диссертатсия 3 тақриз аз тарафи шахсони зерин ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудааст

1. Номзади илмҳои педагогии Донишгоҳи давлатии Данғара Набиев Ҷ.Ғ.
2. Доктори илмҳои таърих, дотсенти Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Алимов Д.Х.
3. Номзади илмҳои педагогии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Бобобоева Г.Ш.

Муқарризони автореферати Гулрӯи С.Ҷ дар тақризҳои худ мубрамии таҳқикот ва арзиши илмии онро тасдиқ намуда эродҳои худро вобаста ба мавзуъ пешниҳод намуданд:

Номзади илмҳои педагогӣ Набиев Ҷ.Ғ. нуқсонҳои зеринро қайд намудааст:

1. Дар баъзе саҳифаҳо саҳву иштибоҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерсад;
2. Ҳаҷи умумии автореферат 68 саҳифа аст. Ба андешаи ман ин миқдор камтар мешуд, хубтар буд;

Номзади илмҳои педагогӣ Бобобоева Г.Ш. нуқсонҳои зеринро қайд намудааст:

1. Дар баробари қавӣ гардонидани аҳамияти назариявии таҳқиқот беҳтар мешуд, ки дисертант асосҳои методологии таҳқиқотро боз ҳам қавитар менамуд.
2. Ба назари мо, беҳтар мешуд, ки докторанти PhD дар кори озмоишии рисолаи худ теъдоди муассисаҳои таълимиро зиёд менамуд;

Ҳамаи муқарризоне, ки тақризҳои худро ба автореферати Гулрӯи Сухроби Ҷурахонзода пешниҳод намуданд, қайд карданд, ки ин таҳқиқот мубрам буда, дорои арзишҳои баланди илмӣ мебошад ва сарфи назар аз баъзе камбудиҳо, довталаби дараҷаи илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010301 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот арзанда мебошад.

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар** дар асоси қарори Шурои диссертатсионии 6D.KOA-002, аз 15-октиябри соли 2022, №5.2 тибқи банди 61 Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 67; 69 ва 74-75 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи докторанти PhD корҳои зерин иҷро шудаанд:

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки:

– меъёрҳо, роҳҳо ва хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян гардида, истифодаи усули инноватсионии таълими корҳои берунaзсинфӣ пешниҳод гардид;

– роҳҳо ва нишондиҳандаҳои мусбати ҳисси худшиносии миллии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ асоснок ва ошкор карда шуданд;

– нақш ва мақоми худшиносии миллӣ дар муассисаҳои миёнаи умумӣ вобаста ба шароит ва талаботи педагогӣ муайян карда шуд;

– амсилаи ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ таҳия карда шуд;

– ташкили корҳои тарбиявию беруназдарсӣ дар мактаб ҳамчун заминаи таърихию фарҳангӣ барои рушди минбаъдаи насли наврасу ҷавонон илман асоснок карда шуд.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсия:**

1.Тайёрии босалоҳияти омӯзгори фанни таърихи халқи тоҷик, бо назардошти истифодаи воситаҳои муосири таълим дар дарсҳои таърихи халқи тоҷик;

2.Технологияи шиносоӣ бо таъриху фарҳанги миллӣ, бо назардошти технологияҳои муосир, муносиби таълими онҳо;

3.Тарзҳои воқиф намудани хонандагон ба арзишҳои таъриху фарҳанги миллии тоҷикон оид ба худшиносии миллӣ ва иртиботи он бо падидаҳои ҷаҳонбинии насли нав;

4.Нақш, манзалат ва мақоми таъриху фарҳанги миллӣ дар ташаккули ифтихори миллӣ, ватанпарастӣ ва худогоҳии миллӣ.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот:**

– дар раванди фаъолияти таълимии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ шароити педагогии беҳтар ташаккул додани худшиносии миллии хонандагон ба тариқи озмоишҳо асоснок карда шуданд;

– дастури методии таҳия ва татбиқшудаи фанни таърихи халқи тоҷик имконият медиҳад, ки раванди ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар фаъолияти педагогӣ мақсаднок ба роҳ монда шавад;

– тавсияҳои илмию амалӣ нисбат ба хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллии хонандагон ҳамчун сифати муҳимми шахсии онҳо муайян карда шуданд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот**. Методологияи таҳқиқотро омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ, фалсафӣ, педагогию психологӣ, муттаҳид намудани ҳамкории омӯзгорону хонандагон дар ҷараёни таълим, аз ҷиҳати педагогию пихологӣ гузаронидани корҳои таҷрибавию озмоишӣ, мушоҳидаҳои психологию педагогӣ, мубоҳисаҳо бо омӯзгорону хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ташкил медиҳад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот:**

– дар амалияи корҳои таълимию тарбиявии ҳамаи муассисаҳои таълимӣ курсҳои баланд бардоштани ихтисоси муаллимони ҷумҳурӣ роҳандозӣ шудааст;

– машғулиятҳои назариявию амалӣ аз фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Кӯлоб, ноҳияи Восеъ ва ноҳияи Ҳовалинг татбиқ шудаанд;

– ҷанбаҳои педагогии омодасозии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вобаста ба хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллӣ таҳия карда шуданд;

– тавсия ва дастурҳои методӣ марбут ба тарбияи худшиносии милии хонандагони муассисаҳои миёнаи умумӣ пешниҳод гардиданд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти илмӣ дар таҳқиқот** аз он иборат аст, ки докторанти PhD дар натиҷаи таҳлили сарчашмаҳои илмӣ–таърихӣ зарурият ва аҳамияти мавзуи таҳқиқот, дарачаи омӯзиши мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявию методологии таҳқиқот, восита ва усулҳои таҳқиқот, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот ва навгониҳои илмии таҳқиқотро асоснок карда, фарзия, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқотии масъалаи таҳқиқшавандаро муайян намудааст. Натиҷаи он дар тасдиқи муқаррароти кори илмӣ, дар раванди корҳои озмоишӣ, таҳлил ва хулосабарории корҳои таҷрибавӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳою конференсияҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳо ва таҳияи диссертатсия таҷассум ёфтааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Хулосаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷаласаю семинарҳо ва конфронсҳои илмӣ-назариявӣ оид ба масъалаи таълиму тарбияи худшиносии миллии хонандагон, дар конфронсҳои ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, дар ҷаласа ва семинарҳои кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон ва дар баромаду конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ амалӣ карда шудаанд.

Шурои диссертатсионӣ дар ҷаласа аз 24 декабри соли 2022, №5.4 қарор қабул кард, ки ба Гулрӯи Суҳроби Ҷурахонзода дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD аз руйи ихтисоси 6D010301-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот дода шавад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати 13 нафар, аз онҳо 3 нафар доктор аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсияи баррасишаванда, чунин натиҷагири шуд:

| | |
|---|---|
| - дар ҷаласаи Шурои диссертатсионӣ иштирок доштанд: 13 нафар | |
| - бюллитенҳои тақсимгардида: | - 13 дона; |
| - бюллитенҳои тақсимнагардида: | - 2 дона; |
| - тарафдори додан ба дараҷаи илмӣ: | - 12 нафар; |
| - муқобили додани дараҷаи илмӣ: | - 1 нафар; |
| - бюллитенҳои беэътибор | - нест. |

Раиси ҷаласаи Шурои диссертатсионии
6D.KOA–002 – и назди Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи
Рӯдакӣ, д.и.п, профессор: Мирализода А.М.

Котиби Шурои диссертатсионии
6D.KOA–002 – и назди Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи
Рӯдакӣ, н.и.педагогӣ: Рафиев С.А.

24.12.2022

